**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023 с.).**

Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионӣ – Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ бахшида шуда, аз таҳлили автореферати диссертатсияи унвонҷӯ муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар коиференсияҳои илмӣ-амалии сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ метавонанд саҳми назаррасеро гузоранд. Масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи амалкунандаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам буда, аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани моҳият ва мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ мебошад. Муаллиф иброз намудааст, ки масъалаҳои таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор меравand. Ҳар як давлат ҳимояи соҳибихтиёрии худ, рушди устувори ҷомеа, зиндагии шоистаи тамоми иштирокчиёни онро ҳадафи асосӣ мегузорад.

Бинобар ҳамин, дар айни замон дар Тоҷикистон ва ҳам дар саросари ҷаҳон, ба мушкилоти таъмини амнияти миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Ин дараҷа на танҳо мавзуи мубоҳисаҳои ҳуқуқӣ, балки баҳсҳои сиёсӣ ва тадқиқотӣ-назариявӣ ҳам ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти мазкур аввалин рисолаи мукаммал оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, нуктаҳои асосии диссертатсия навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузоштташударо инъикос менамоянд. Аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд.

Таҳқиқоти мазкур ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар соҳаи амнияти миллӣ бахшида шуда, бо забони давлатӣ ва риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта шудааст. Таҳқиқоти мазкур бунёдӣ буда, дар сатҳи маҷмӯи корҳои илмӣ иҷро карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба мафҳумҳои амниятӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баҳо диҳад ва таърифҳои муаллифии мафҳумҳоро пешниҳод намояд. Хулоса ва пешниҳодҳо инчунин ба такмил додани механизми танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд, ки он маънои диссертатсияро коста нагардонида, баръакс аз ҷиҳати илмӣ эътиборнок мегардонанд. Ҳамзамон мувофиқи мақсад мебуд, ки дар автореферат асарҳои олимони ватании бевосита фарогири таҳқиқоти мазкур бештар истифода мешуданд ва атрофи масоили мазкур мавқеи худро рисоланавис дар раванди ҳимоя муайян менамуд.

Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститусионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**Соҳибзода Муҳаммадҷон**

**Имзои Соҳибзода М.М.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори бахши кадрҳо ва коргузорӣ **Фаттоев М.**

**Суроғаи муқарриз:** 7340024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13. Телефон: (992 37) 227-47-71. Факс: (992 37) 227-63-64. Почтаи электронӣ.: info@mmk.tj

«__08__»____январи____2024 сол